Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 44

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати кори диссертатсионии Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешбинӣ гардидааст.**

Дар шароити муосир мавзӯи матраҳшуда яке аз мавзӯҳои актуалӣ ба шумор меравад, зеро вобаста ба шароити муосири иқтисодӣ ва сиёсӣ нақши низоми гумрук дар рушди иқтисодиёти кишвар рӯз ба рӯз меафзояд. Аз ин лиҳоз, пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати тақвият бахшидани муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушд ва амнияти иқтисодии мамлакат, дар ин самт як қатор тадбирҳои судмандро амалӣ намуда йстодааст.

Вобаста ба марҳилаи нави рушд ва густариши фаъолияти иқтисодии хориҷиии мамлакат, таъмини рушди муносибатҳои гумрукӣ ва такмили методҳо ва воситаҳои танзими гумрукии фаъолияти иқтисодии берунӣ ҳамчун масъалаи муҳим баромад менамояд. Инчунин, зарурати коркарди механизмҳои муосири такмили фаъолияти гумрукиро дар самти мувофиқгардонии он ба меъёрҳои байналмилалӣ ва рушди таъминоти илмию методӣ, ҳуқуқӣ ва иттилоотии низоми гумрук ба миён меорад.

Дар автореферат ташаккул ва рушди низоми гумруки ҷумҳурӣ дар ҳошияи як қатор шароит даврабандӣ карда шуда, низоми идоракунии молу воситаҳои нақлиёт ва амволи дар додугирифти моликияти давлат қарордошта коркард карда шудааст. Инчунин, муаллиф алгоритми равандҳои таъминоти иттилоотии идоракунии низоми гумрукро коркард намуда, ташаккули низоми нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои арзёбии самаранокии идоракунии низоми гумрукиро муайян намудааст.

Нуктаи дигари ҷолиби диққат ин пурсиши иҷтимоии аз ҷониби муаллиф гузаронидашуда мебошад, ки дар муайян намудани мушкилоти марбут ба хизматрасонии гумрукӣ нақши намоён дошта,

дар коркарди тавсияҳои судманди ба рушди низоми хизматрасонии гумрукии мамлакат мусоидаткунанда имкон фароҳам меоварад.

Муаллиф барои муайян намудани вобастагии пардохтҳои гумрукӣ аз омилҳои таъсиррасон таҳлили коррелятсиониро анҷом додааст. Ҳамзамон, моделҳои регрессионии арзёбии пардохтҳои гумрукиро дар сатҳи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе таҳия карда, ҳиссаи омилҳои таъсиррасонро ба пардохтҳои гумрукӣ муайян намудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон», кори мустақилона ба анҷом расонидашудаи муаллиф ба шумор меравад. Диссертатсияи мазкур ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Турсунов Хушруз Муталибович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонахо, низомҳо ва комплексҳо сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи фаъолияти гумрукии**
**Донишгоҳи давлатии**
**молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Мирсаидов С.А.**

**Суроға:** 734067, **шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14,**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, тел: (+992) 231-02-01**

**Имзои д.и.и., профессор Мирсаидов С.А.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДМИТ** **Шарипов У.А.**